**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ КУРСИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ МУОВИНОНИ ДИРЕКТОР ОИД БА ТАЪЛИМИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Душанбе – 2023

Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2023, №11/6 тасдиқ шудааст.

**Мураттибон:**
**Раҳматшоев Исфандиёр,** мудири кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи ДҶТИБКСМ
**Шаҳбози Рустамшо,** директори ФДҶТИБКСМ дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон
**Норова Зарина,** омӯзгори калони кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи ДҶТИБКСМ

**Муқарризон:** ном. илм. Педагогӣ, муовини директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ **Лутфуллозода П.М.**
**Т Турдиев,** мутахассиси МҶТМ -и назди вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муҳаррир: Аминов Саидакбар**, мудири шуъбаи таълими ФДҶТИБКСМ дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон

Барномаи мазкур бо дарназардошти талаботи муосир ва муносибати босалоҳият ба таълим таҳия шуда, барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси муовинони директор оид ба таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шудааст. Барномаи таълимӣ бо мақсади ҳар чи бештар ошноӣ пайдо кардани онҳо бо ҳадафу моҳияти тағйироти сохторӣ ва ислоҳоти дар соҳаи маорифи кишвар ба вуқуъ пайваста тавсия карда мешавад.

## Пешгуфтор

Барномаи таълимӣ барои курсҳои такмили ихтисоси муовинони директор оид ба таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҳаҷми 90 соат таҳия шудааст.

Барномаи таълимӣ оид ба курси такмили ихтисоси муовинони директор оид ба таълим дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсия миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикитсон то соли 2030, Низомнома ва Оинномаи МДДҶТИБКСМ, Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои дигар таҳия гардидааст.

Мақсади асосии барнома баланд намудани маҳорати касбии муовинони директор оид ба таълими МТМУ бо роҳи шинос намудани онҳо бо дастовардҳои нав дар соҳаи идоракунӣ мебошад.

Барномаи мазкур тарзе таҳия шудааст, ки он асосан ба методҳои идоракунии нави корпоративӣ такя намуда, усулҳои идоракунии гуногунро пешниҳод менамояд. Донистани усулҳои гуногуни идоракунӣ ва муқоисаи онҳо бо ҳамдигар ба муовинони директор оид ба таълим имконият медиҳад, ки дар кори худ ин ё он усулро интихоб намуда, равиши идоракуниро мукаммал намоянд.

Нақша-барнома аз чор қисм иборат аст:

1. **Мақсади таълим** - мақсадҳои мушаххаси таълимиеро, ки барои ҳосил шудани салоҳияти муайян равона шудаанд, дар бар мегирад;

2. **Мундариҷаи таълим** – дар ин фасл мавзуъҳо ва мундариҷаи онҳо, ки тавассути азхуд кардани онҳо омӯзгор ба мақсади таълим ноил гашта, ба ин восита салоҳияти муайянро ҳосил мекунад, ҷой дода шудаанд;

3. **Фаъолияти таълим -** аз фаъолиятҳои таълимии тавсияшаванда, ки тавассути онҳо мавзуъ ва мундаричаи он таҳлилу баррасӣ шуда, азхуд карда мешаванд, иборат аст. Фаъолиятҳо вобаста ба шароит ва мавод тағйир дода мешаванд.

4. **Вақт -** вақти эҳтимолие, ки барои ноил гаштан ба мақсад мусоидат мекунад, пешниҳод гардидааст.

Дар барнома рӯйхати адабиёти истифодашаванда марбут ба мақсаду масъалаҳои таълим тавсия дода мешаванд.

Талаботи мазкур тавассути тести (санҷиши) ҷамъбастӣ арзёбӣ шуда, ба иштирокчии курс холи муайян гузошта мешавад. Бо дарназардошти натиҷаи тести ҷамъбастӣ баъд аз хатми курси мазкур ба иштирокчиён шаҳодатнома дода мешавад.

Курси мазкур дар синфхонаҳои муҷҳаҳаз ва аз лиҳози меъёрҳои гигиенӣ мувофиқ гузаронида мешавад.

Аз шунавандагони курс эҳтиромона хоҳиш карда мешавад, ки дар ҳолати зарурӣ фикру ақидаашонро нисбат ба ин барнома ба суроғаи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф (суроғаро илова кунед) ирсол намоянд.

# НАҚШАИ
## таълимии курси такмили ихтисоси муовинони директор оид ба таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

| № | Қисматҳои барнома | Микдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **Ҷамъ** | **Назариявӣ** | **Амалӣ** |
| 1. | Тахассус, такмили маҳорати касбӣ, идоракунии кори таълим | **90** | 39 | 51 |
| 2. | Менеҷменти сиёсӣ | **2** | 2 | - |
| 3. | Педагогикаи касбӣ | **4** | 1 | 3 |
| 4. | Психологияи касбӣ | **4** | 1 | 3 |
| 5. | Экология, ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ | **2** | 2 | - |
| 6. | Технологияи иттилоотӣ | **4** | 1 | 3 |
| 7. | Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигории соҳа | **2** | 1 | 1 |
| | **Ҳамагӣ** | **108** | **47** | **61** |

**Нақшаи**
**тақвимии машғулиятҳои курси такмили ихтисоси муовинони директор оид ба таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**

| № | Қисматҳои барнома | Микдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Ҷамъ | Назариявӣ | Амалӣ |
| | **Тахассус: идоракунии кори таълим, такмили маҳорати касбӣ** | **90** | **35** | **55** |
| 1.1 | Шарҳи истилоҳ ва мафҳуми вожаҳои касбӣ | 2 | 1 | 1 |
| 1.2 | Оинннома ва низомномаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ | 2 | 1 | 1 |
| 1.3 | Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ | 2 | 1 | 1 |
| 1.4 | Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2 | 1 | 1 |
| 1.5 | Вазифаҳои хизматӣ ва масъулиятҳои муовини директор оид ба таълим дар ташкил ва идоракунии ҷараёни таълиму тарбия | 2 | 1 | 1 |
| 1.6 | Дарси муосир. Талаботи муосир ба дарс. Таҳлили дарс | 4 | 2 | 2 |
| 1.7 | Ҷадвали дарсӣ. Талаботи илмию методӣ ба мураттабсозии он | 2 | 0 | 2 |
| 1.8 | Усулҳои фаъол ва технологияҳои нави таълим. Роҳҳои истифодаи онҳо дар раванди дарсҳо | 4 | 2 | 2 |
| 1.9 | Муносибати босалоҳият ба таълим, ҷанбаҳои асосии татбиқи он | 6 | 2 | 4 |
| 1.10 | Методикаи таълими фанҳои муассисавӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ. Воситаҳои арзёбии таълими салоҳиятнокӣ | 6 | 2 | 4 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1.11 | Равандҳои ҳамгирой дар таҳсилот. Ҳамгирой ҳамчун тамоюли пешбар дар таҳсилот | 2 | 1 | 1 |
| 1.12 | Ташхис, таҳлил, баҳогузорӣ ва арзёбии сифати дониш, малака ва маҳорати хонандагон дар МТМУ | 4 | 1 | 3 |
| 1.13 | Тарзи ташкил ва арзёбии дониш, сифат ва самаранокии таълим бо усули тестӣ | 4 | 2 | 2 |
| 1.14 | Аттестатсияи омӯзгорон ва роҳбарони МТМУ | 6 | 2 | 4 |
| 1.15 | Нақшаи стратегии МТМУ. Зарурати нақшаи стратегӣ. Роҳҳои таҳиясозии нақшаи стратегӣ. | 4 | 2 | 2 |
| 1.16 | Мақомоти худидории муассиса. Шурои омӯзгорӣ, шурои методӣ ва дигар ҷаласаҳо | 2 | 1 | 1 |
| 1.17 | Хадамоти методии муассиса ва мақоми он. Иттиҳодияҳои методии фаннӣ омили муҳими такмили тахассус ва рушди маҳорати касбии омӯзгорон | 4 | 1 | 3 |
| 1.18 | Назорати дохилимуассисавӣ ва нақши он дар пешбурди муваффақонаи таълиму тарбия | 2 | 1 | 1 |
| 1.19 | Мундариҷа, мақсад ва муқаррароти стандарт, нақша ва барномаҳои таълимии МТМУ | 4 | 2 | 2 |
| 1.20 | Муқовимат бо коррупсия ва амалҳои коррупсионӣ | 2 | 1 | 1 |
| 1.21 | Таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ. Роҳҳои дарёфт, омӯзиш, тарғиб, ҷамъбаст ва паҳн намудани он | 4 | 1 | 3 |
| 1.22 | Роҳҳои пешгирии ҷинояткорӣ, қонуншиканӣ, хурофотпарастӣ, терроризм ва экстремизм | 4 | 2 | 2 |
| 1.23 | Роҳу усулҳои истифодаи технологияи иттилоотиву инноватсионӣ дар раванди дарсҳо. Тарзи омодасозии «Муаррифӣ (Презентатсия». Кор бо видиопроектор ва | 4 | 1 | 3 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | тахтаи электронӣ | | | |
| 1.24 | Арзёбӣ дар системаи таҳсилот ва намудҳои он | 6 | 2 | 4 |
| 1.25 | Маълумот дар бораи низоми пардохти сарикасӣ. Таҳияи сметаи ягонаи даромад ва хароҷот дар муассиса. Меъёрҳои пардохти музди меҳнати омӯзгорон ва дигар кормандони муассиса | 6 | 2 | 4 |
| | **ҲАМАГӢ:** | **90** | **35** | **55** |
| 3. | **Мавзуҳои иловагӣ** | | | |
| 3.1 | Таърихи пайдоиши баҳо ва баҳогузорӣ | **2** | | **1** |
| 3.2 | Баҳогузории фармативӣ ва сумативӣ | **2** | **1** | **1** |
| 3.3 | Сиёсати давлатӣ кор бо бачагони лаёқатманд | **2** | **1** | **1** |
| 3.4 | Ташкили корҳои беруназсинфии фаннӣ | 4 | 2 | 2 |
| 3.5 | Тартиби ташкил ва гузаронидани семинару машваратҳо | **4** | **1** | **3** |
| 3.6 | Барномаҳои давлатии рушди таълиму тарбия дар МТМУ. Тадбирҳои татбиқ ва назорати раванди иҷрои онҳо | **2** | **1** | **1** |
| 3.7 | Роҳбаладӣ. Шаклҳои муосири сарварӣ ба фаъолияти омӯзгорон ва раванди таълим. Тарзу тариқи (моделҳо ва механизмҳои) роҳбарӣ ба низоми таҳсилот | **4** | **2** | **2** |
| 2.8 | Маълумот дар бораи низоми пардохти сарикасӣ. Таҳияи сметаи ягонаи даромад ва хароҷот дар муассиса. Меъёрҳои пардохти музди меҳнати омӯзгорон ва дигар кормандони муассиса | 6 | 2 | 4 |
| | **ҲАМАГӢ:** | **26** | **10** | **16** |

**Эзоҳ: Шунавандагон метавонанд аз нақшаи мазкур дар доираи соатҳои муайянгардида мавзуъҳои дилхоҳи худро интихоб намоянд.**

## 1.Тахассус:

## Идоракунии кори таълим, такмили маҳорати касбӣ (90 соат)

**Мавзуи 1.1 (2 соат). Шарҳи истилоҳот ва мафҳуми вожаҳои касбӣ**

Шиносоӣ бо истилоҳот ва мафҳуми вожаҳои касбӣ, аз ҷумла маориф, муассиса, педагогика, равоншиносӣ, барнома, коллектив, таълим, тарбия, маълумот, таҳсилот, диплом, директор, мутахассис, зиёӣ, дарс, метод, инсерт, кластер, эссе, синквейн, ҳамгиро, таълими ҳамгиро, низоми кредитӣ, модул, стандарт, ангезиши зеҳн, чархи андешаҳо, харитаи андешаҳо, диаграммаи Венн, рӯзномаи дубахша, ММД, ММИХ, Т-нақша, усулҳои анъанавӣ, кабинет, дафтар, дастур, мониторинг, менторинг, инкишоф, назария, хаёл, эҳсос, ташхис, таҳсили фосилавӣ, таҳсилоти фарогир ва муттасилтехнологияи иттилоотӣ ва инноватсионӣ, инфрасохтор, савод, аттестатсия, аккредитатсия, дифференсиатсия, инноватсия, консепсия, коммуникатсия, кори лоиҳавӣ, стратегия, муносибати салоҳиятнокӣ ва ғ.

**Мавзуи 1.2 (2 соат). Оиннома ва Низомномаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ.**

Оиннома ва низомномаи муассисаи таълимӣ ҳуҷҷати меъёрӣ-ҳуқуқии асосӣ ва муҳими муассиса. Мавқеъ ва мақоми оиннома ва низомнома дар фаъолияти муассисаи таълимӣ. Сохтори оиннома ва низомномаи муассиса. Фаъолияти таълимӣ, тарбиявӣ ва методии муассиса. Идоракунии муассиса ва назорати фаъолияти он. Мақсад, ҳадаф, вазифа, ваколат, салоҳият, масъулият, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муассисаи таълимӣ, маъмурият, омӯзгорону кормандони дигар, хонандагон ва ғайраи муассисаи таълимӣ тибқи оиннома ва низомнома. Мазмун ва мундариҷаи ин ҳуҷҷатҳои идоракунии раванди таълиму тарбия дар муассиса. Вазифаҳои роҳбарияти муассиса таҳсилоти умумӣ дар назорат ва таъмини иҷрои ҷораёни амалӣ намудани талаботи ин ҳуҷҷатҳои меъёрӣ. Баррасии асноди меъёрию дастурие, ки ҷиҳати татбиқи оиннома ва

низомномаи муассиса ва роҷеъ ба сиёсату идораи давлатии соҳаи маориф қабул шудаанд.

**Мавзуи 1.3 (2 соат). Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ**

Низомномаи шурои методӣ. Низомномаи иттиҳодияи методии омӯзгорони фаннӣ. Низомномаи иттиҳодияи методии роҳбарони синф. Тартиби ба синфҳои таълими равиявӣ ҷудо намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тартиби дар дарсҳои омӯзгорон иштирок намудани маъмурияти муассисаи таълимӣ ва дигар субъектҳои раванди таълиму тарбия. Низомномаи намунавии шурои педагогии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тартиби таҳияи ҷадвали дарсҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дастурамали вазифавии директор, муовинони директор ва роҳбарони синфи муассисаи таҳсилоти умумӣ. Тартиби гузаронидани рейтенги сифати дониши хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии ҶумҳурииТоҷикистон. Низомномаи қабул, гузариш ва хориҷ намудани хонандагони таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Низомномаи намунавии шурои педагогии муассисаи таҳсилоти томактабӣ. Низомномаи фаъолияти кумитаи падару модарони муассисаи таҳсилоти томактабӣ. Низомномаи озмуни «Беҳтарин кабинети методӣ»-и муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии такягоҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Низомнома дар бораи навбатдории маъмурияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Низомнома дар бораи истифодаи дафтари синфӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Низомномаи намунавии ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Тартиби ташкил ва гузаронидани ҳафтаҳои фаннӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Тартиби баргузории дарси кушод дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Низомномаи намунавии муҷаҳҳаз гардонидани кабинетҳои фаннӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Дастурамали

вазифавии мудирони кабинетҳои фаннии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Низомномаи намунавии фаъолияти беруназдарсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Низомномаи дар бораи мониторинги дохилимуассисавии сифати таҳсилот. Тартиб ташкил ва гузаронидани ҷаласаи назди директор дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

**Мавзуи 1.4 (2 соат). Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Тасдиқи Консепсияи мазкур аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Зарурати гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ. Созишномаи ҳамкорӣ оид ба ташкили фазои ягонаи таҳсилоти Иттиҳоди давлатҳои мустақил, низомномаи шурои ҳамкории ин давлатҳо. Зарурати дигар кардани низоми таҳсилоти пештара. Қабул ба синфи якум. Ба зинаи дуюм. Зинаи сеюм. Бандҳои Консепсияи мазкур. Нақши таҳсилот дар рушди ҷомеа. Талаботи нави иҷтимоӣ ба низоми нави таҳсилот. Вазъи кунунии низоми таҳсилот ва зарурати азнавсозии он. Мақсад ва вазифаҳои низоми нави таҳсилот.

Рушди муносибатҳои молиявӣ дар низоми нави таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ-касбӣ. Таъминоти кадрӣ ва дастгирии онҳо аз тарафи давлат ва ҷомеа. Баланд бардоштани мақоми кормандони педагогӣ. Дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонии кормандони педагогӣ ва идораи соҳаи маориф. Баландбардории маҳорати касбии кадрҳои педагогӣ. Таҷдиди низоми нави таҳсилот ва тарзи назорати сифати он. Такмили сохтор ва афзудани маблағгузорӣ ба таҳсилот. Тақвияти самти иҷтимоии таҳсилот. Дастгирии ҳамаҷонибаи муассисаҳои деҳот. Таъмини мустақилияти иқтисодии муассисаҳои таълимӣ. Баланд бардоштани мақоми иҷтимоӣ, дастгирии давлатӣ ва сатҳи касбии кормандони соҳаи маориф. Амалӣ гардидани Консепсия ва натиҷаи он дар рушди кишвар.

Принсипҳои асосии сиёсати давлати соҳибихтиёри Тоҷикистон дар соҳаи маориф. Талаботи меъёрҳои байналмилалии таҳсилот. Зарурати таҳияи барномаи мақсадноки давра ба давра гузаштан ба низоми нави

таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи кишварҳои дигар. Зарурати гузаштан ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумии 12 сола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мавзуи 1.5 (2 соат) Вазифаҳои хизматӣ ва масъулиятҳои муовини директор оид ба таълим дар ташкил ва идоракунии ҷараёни таълиму тарбия**

Шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои ҳуқуқию меъёрӣ ва дастурӣ, маводу тавсияҳои методӣ. Шиносоӣ бо ваколати роҳбарияти муассиса ва тартиби санҷишҳо, санҷидани иҷрои амру фармонҳои Президент, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармоишҳои вазири маориф ва илми ҶТ. Мақом, шахсият ва ваколати муовини директор оид ба таълим, ҳуқуқ ва вазифаҳои он. Идораи кори таълим дар муассиса тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ. Иштирок ба дарсҳои омӯзгорон. Зарурияти таҳлили дарсҳо. Усулҳои санҷиш ва арзёбии сатҳи дониши хонандагон ва натиҷаи фаъолияти омӯзгорон. Таҳлили дарс ва арзёбиву натиҷагирии он. Муайян кардани вазъи кори таълим дар муассиса. Ташкили ҷараёни кори ҷомеаи педагогӣ, ташкили корҳои методӣ ва хизматии омӯзгорон, роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ. Роҳу усулҳои ташкили чорабиниву тадбирҳои таълимии беруназсинфӣ, озмунҳо, олимпиадаҳо, ҳафтаҳои фаннӣ. Рейтинг ва аттестатсияҳо. Аттестатсияи омӯзгорон, баҳодиҳӣ ба натиҷаҳои фаъолияти онҳо тибқи талаботи муосир.

**Мавзуи 1.6 (4 соат). Дарси муосир. Талаботи муосир ба дарс. Таҳлили дарс**

Маълумот дар бораи дарси муосир. Метод ва шаклҳои дарси муосир. Талаботи муосир ба дарс: талаботи дидактикӣ, талаботи равоншиносӣ, методҳои тарбиявӣ ва рушддиҳанда, талаботи ташкилӣ дар дарс, муайянсозии мазмун ва сохтори дарс мутобиқ бо принсипҳои таълими рушддиҳанда, ташкили фаъолияти маърифатии хонандагон, муташаккилии хонандагон, баҳисобгирии махсусиятҳои синнусолии хонандагон, талаботи гигиенӣ, талабот ба техникаи баргузории дарс, бартарӣ ва камбудиҳои дарс,

иҷрои амиқ ва эҷодкоронаи талаботи барномавӣ-методӣ ба дарс, тариқи ҳамгиро ҳаллу фасл намудани масоили таълим, тарбия, рушди интеллект, диққат, идрок, хотира, тафаккур, тасаввурот, нутқ ва ғ.

Интихоби сохтори дуруст ва суръати баргузории дарс, ки ҳалли бомуваффақонаи вазифаҳои гузошташуда ва истифодаи сарфакоронаи вақти дарсро таъмин месозанд. Таъмини мақсадҳои амалӣ, политехникӣ ва интихоби касби раванди таълим, фароҳамсозии имкониятҳои реалии истифодаи донишҳо ва маҳорату малакаи азхудкарда аз ҷониби хонандагон. Истифодаи усулҳои фаъол ва интенсивии таълим. Муносибати гуногун ба хонандагони сатҳи донишҳои гуногун ва омодагии ҳархеладошта. Ташаккули муносибати бошуурона ва фаъолонаи хонандагон ба фаъолияти таълимии худ. Муносибат бо хонандагон дар асоси ба ҳам пайвастани серталабии баланди эҳтиром ба шахсияти хонандагон. Рушди системаи кабинетии таълим мутобиқ ба талаботи прогресси илмӣ-техникӣ. Истифодаи воситаҳои айёнӣ, иттилоотӣ ва техникии таълим, усулҳои фаъол ва инноватсионӣ. Муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим.

Компонентҳои асосии дарси муосир (ташкилӣ, мақсаднокӣ, далелнокӣ, коммуникативӣ, мазмуннокӣ, технологӣ, назоратӣ-баҳодиҳӣ, таҳлилӣ).

**Мавзуи 1.7 (2 соат). Ҷадвали дарсӣ. Талаботи илмию методӣ ба мураттабсозии он**

Ҷадвали дарсӣ, мақом ва нақши он дар раванди донишандӯзии хонандагон. Ҷадвали дарсҳо оғози банақшагирии кори таълим. Тартиби таҳияи ҷадвали дарсҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Таҳияи дуруст ва устувори машғулиятҳои таълимӣ асоси пешрафти раванди таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон. Талаботи асосии илмию методӣ ҳангоми таҳияи ҷадвали дарсҳо: баҳисобгирии қоида ва меъёрҳои санитарию гигиенӣ, баҳисобгирии сарбории таълимии омӯзгорон. Тақсими синфҳо ба гурӯҳҳо. Бе холигӣ тартиб додани ҷадвал. Банақшагирии ҷойивазкунии

омӯзгорон. Банақшагирии дурусти тақсими синфҳо ба бастҳо (агар таҳсил дар ду баст гузаронида шавад) бо назардошти хусусиятҳои синнусолии хонандагон. Риояи фосилаи дарсҳо аз як фан дар давоми ҳафта. Тақсими баробари дарсҳо аз рӯйи мураккабии онҳо дар давоми ҳафта ва рӯзҳо. Банақшагирии мувофиқати корҳои таълимию тарбиявии омӯзгорони фаннӣ бо роҳбари синф. Мувофиқанамоӣ бо иттифоқи касаба. Ҷобаҷогузории соатҳои дарсӣ.

**Мавзуи 1.8 (4 соат). Усулҳои фаъол ва технологияҳои нави таълим. Роҳҳои истифодаи онҳо дар раванди дарсҳо**

Маълумот оид ба таърихи усулҳои фаъоли таълим. Фарқияти усулҳои фаъоли таълим аз усулҳои анъанавӣ. Технологияи усулҳои таълим. Маҳфили ҳозирҷавобон, дарс-конференсия, дарси ғайримуқаррарӣ, дарс-мубоҳиса. Дарёфти роҳу усулҳои фаъоли таълим, истифодаи васеи техникаи муосир дар раванди таълим. Машғулияти амалӣ ба таври ғайрианъанавӣ бо истифодаи аёният, воситаҳои техникӣ, аз ҷумла проектор ва тахтаи электронӣ, усулҳои фаъоли таълим - кластер, усули шаршара, диаграммаи Венн ва ғайраҳо. Дарси амалӣ дар намуди мусобиқа, дар гурӯҳҳо, бо татбиқ намудани назария бо амалия, проблемагузорӣ бо таҷрибаҳои шавқовар, вобаста ба қобилияти ҳар як хонанда супоришҳои инфиродӣ дар се дараҷа (одӣ, миёна, мушкил). Усулҳои муосир ва фаъоли таълим: интерактивӣ, коммуникативӣ (муоширатӣ).

Ташкили таълими модулӣ, бисёрзинагӣ, усулҳои инноватсионию фаъоли таълим ва шаклҳои дигари мутобиқ ба талаботи замони муосир. Намунаи усулҳои ҳавасманд сохтани хонандагон. Фаҳмондадиҳии зарурати донишҳо ва аҳамияти онҳо барои амалия. Ташкили раванди дарс ба тарзе, ки зарурати омӯзиши ин маводи таълимӣ ба хонанда (донишҷӯ) маълум гардад ва дар ин асос минбаъд хонанда худназораткунӣ ва худбаҳодиҳиро ташкил карда тавонад. Вобаста ба вазъият ва қобилияти хонандагони алоҳида ташкил намудани шаклҳои инфиродӣ ва гурӯҳии таълими хонандагон (донишҷӯён). Такмили тарбияи касбии

донишҷӯён: ташаккули қобилияти мутобиқшавӣ дар фаъолияти касбӣ; татбиқи принсипи таълими касбӣ бо назардошти талаботи оянда; ба шароити минтақа ва талабот мутобиқ сохтани таълими касбии хонандагон; истифода аз усулҳои таълим, ки ба амалия равона шудаанд ва ё ба татбиқи пурраи технологияҳои иттилоотӣ асос ёфтаанд. Истифода аз баҳогузорӣ чун воситаи ҳавасмандсозӣ бо таҳлили сифатии натиҷаҳои таълим, таъкид намудани тамоми лаҳзаҳои мусбати донишазхудкунии хонанда ва ё сабабҳои номуваффақии ӯ дар самти азхудкунии маводи таълимии мушаххас ва ғайра.

**Мавзуи 1.9 (6 соат). Муносибати босалоҳият ба таълим, ҷанбаҳои асосии татбиқи он**

Масъалаҳои назариявию амалии таълими салоҳиятнокӣ. Мафҳуми муносибати босалоҳият ба таълим, марҳилаҳои пайдоиш ва таҳлили сарчашмаҳои илмию методӣ. Назарияҳое, ки ба ташаккули салоҳиятнокии хонандагон мусоидат мекунанд. Муқоисаи хусусиятҳои таълими аънанвӣ ва салоҳиятнокӣ, сабаби ворид намудани тағйирот ба муносибат ба таълим, моҳият, дастовард ва норасоиҳои таълими салоҳиятнок. Ташкили раванди таълими низоми синфӣ-дарсӣ. Мазмуну мундариҷаи методҳои шарҳӣ-аёнӣ дар раванди таълими низоми синфӣ-дарсӣ. Кори амалӣ бо ҷадвали муқоисавии хусусиятҳои фарққунандаи таълими анъанавӣ ва салоҳиятнок.

Таҳлили талаботи стандарти фаннӣ, сохтор, самт, салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳо, ки талаботи асосӣ ба шумор меравад. Салоҳиятҳо ҳамчун асос барои арзёбӣ, мақсадгузорӣ ва банақшагирии раванди таълим. Кор бо стандартҳои фаннии зинаи 2 ва 3-и таҳсилот, маҷмӯи салоҳиятҳо ва нишондиҳандаҳои салоҳиятнокии фанҳои алоҳида ва консепсияи ташаккули салоҳиятҳо. Шаклҳои гуногуни супоришҳои таълимӣ ва корҳои амалӣ.

**Мавзуи 1.10 (6 соат). Методикаи таълими фанҳои муассисавӣ дар таълими салоҳиятнок. Воситаҳои арзёбии таълими салоҳиятнок**

Масъалаҳои методикаи умумӣ ва мушаххаси фаннӣ. Намунаи лаҳзаҳои дарсӣ, коркард ва муаррифии он, технологияҳои таълим, метод, усулҳо ва иҷрою муҳокимаи супоришҳои таълимӣ, ҷанбаҳои асосии методикаи таълими фанҳои муассисавӣ дар низоми таълими салоҳиятнок. Методҳои гуногуни муосир: муҳокима, таҳлил ва машқ.

Таҳлил ва таҳияи воситаҳои арзёбии таълими салоҳиятнокӣ. Мавқеи арзёбӣ дар раванди таълим. Зарурияти масаъалаи арзёбӣ. Ду ҷанбаи арзёбӣ: арзёбии ташаккулдиҳанда ва арзёбии ҷамъбастӣ. Мавқеи ин ду усули арзёбӣ дар таълими салоҳиятнокӣ. Намунаи воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ва ҷамъбастӣ, усулҳо ва методҳои дигари арзёбии таълими салоҳиятнокӣ. Таҳия, муҳокима, намоиш ва таҳлили нақшаҳои дарсӣ.

**Мавзуи 1.11 (2 соат). Равандҳои ҳамгироӣ дар таҳсилот. Ҳамгироӣ ҳамчун тамоюли пешбар дар таҳсилот**

Тавсифи мафҳуми ҳамгироӣ дар таҳсилот, маълумот дар бораи таълими ҳамгиро. Технологияҳои таҳсилоти асри XXI, ҷанбаи назариявӣ-методологии онҳо, дурнамо ва масоили инкишофи миллат ва таҳсилот. Маънавиёт ва таҳсилот. Масоили ташаккули саломатии маънавии ҷавонон, вазъ ва дурнамои саломатии ҷисмонии ҷавонон. Равобити тарафайни самтҳои ҷаҳонбинӣ. Масоили роҳбарӣ ва идоракунии раванди таҳсилоти муосир ва таҳсилоти ҳуқуқӣ ва робитаи он бо сиёсати давлатии таҳсилот. Ҷанбаҳои гуногуни рушди таҳсилот ва истифодаи технологияҳои мушаххаси инкишофи зеҳнӣ. Ҳамгироӣ ҳамчун мақсад (дар хонандагон ба вуҷуд овардани тасаввуроти яклухт оид ба олами атроф) ва васоити таълим (умумияти ба ҳам наздики донишҳои фаннӣ). Дидактикаи ҳамгироӣ ва «таълими ҳамгиро». Ҳамгироии мазмуни таҳсилоти фанҳо, технология, метод ва шаклҳои таълими ҳамгиро. Дараҷаҳои ҳамгироӣ: дохилифаннӣ, байнифаннӣ,

таркиби байнифаннӣ, таркиби дидактикӣ, яклухтии дидактикӣ.

**Мавзуи 1.12 ( 4 соат) Ташхис, таҳлил, баҳогузорӣ ва арзёбии сифати дониш, малака ва маҳорати хонандагон дар МТМУ**

Мавқеъ ва нақши он дар идораи фаъолияти муассиса, пешгуӣ ва дурнамои инкишофи он. Вазифаи таҳлил ва ташхисислоҳкунанда ва пешгӯянда. Асосҳои илмии ташхис ва таҳлили педагогӣ. Вазифаҳои он. Сохти раванди ташхис ва таҳлили педагогӣ; гузориши мақсади вазифаҳо, банақшагирии омӯзиши объект, мураттаб намудани барномаҳои ташхисӣ, муайян намудани ҳолати обект, гузориши таклифҳои конструктивӣ. Баҳодиҳӣ ба сифати дониш, малака ва маҳорати хонандагон дар таълими фанҳои таълимӣ. Меъёрҳои асосии баҳо. Муайян намудани меъёрҳои асосии баҳо. Навъҳои асосии баҳо. Баҳодиҳӣ ба сифати дониш, малака ва маҳорати хонандагон аз фанҳои таълимӣ. Баҳогузории анъанавӣ. Баҳо–меъёри асосии муайянкунии сифати тайёрии хонанда. Низоми баҳогузорӣ. Низоми 5 баллаи Иттиҳоди Шуравӣ. Баҳо ва системаи баҳодиҳӣ. Баҳо нишондиҳандаи дониш, махорат ва малакаи хонандагон. Хусусиятҳои баҳо.

**Мавзуи 1.13 (4 соат) Тарзи ташкил ва арзёбии дониш, сифат ва самаранокии таълим бо усули тестӣ.**

Усули сохтани тестҳо. Тарзи гузаронидани аттестатсия ва ё санҷиш бо усули тестӣ. Натиҷагирии тест ва ё мониторинг. Тарзи омӯзиши хонандагон бо усули пуркунии варақаи тестӣ. Бартарияти назорати дониши хонандагон бо методи тестӣ.

Тест натиҷаи арзёбии дониш, малака ва маҳоратҳои хонандагон. Усули гузаронидани тест тақозои замон. Мақсади тест. Истифодаи санҷиши тестӣ. Гузаронидани тести ибтидоӣ. Тести ҷамъбастӣ – ба системадарорӣ, ҷамъбасти маводи таълим, санҷиши дониш, малака ва маҳорати бадастомада. Таҳияи тест аз рӯйи меъёрҳо: Илмӣ (Барои чи? Бо кадом мақсад?), Эътимоднокӣ (то кадом андоза натиҷаҳои бадастомада боварибахш буда, тасодуфӣ

нестанд), объективӣ (мазмуни масъалаҳои тест асоси илмӣ дошта, барои арзёбии ҳаққонии дониш, малака ва маҳоратҳо равона карда шудаанд). Навъҳои тест. Тести кушода. Тести пӯшида.

**Мавзуи 1.14 (6 соат) Аттестатсияи омӯзгорон ва роҳбарони МТМУ**

Шиносоӣ бо таърихи аттестатсия ва қоидаҳои он. Қоидаҳои аз аттестатсия гузаронидани кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мақсад ва вазифаҳои аттестатсия ва механизми гузаронидани он. Фаъолияти комиссияи аттестатсионӣ. Таҳлили ҷараён ва ҷамъбаси аттестатсия. Гузаронидани аттестатсия бо кормандони педагогӣ. Вазифаҳои ҷонишини директор оид ба таълим дар ташкил ва баргузории аттестатсияи омӯзгорон.

Тасдиқи қоидаҳои аз аттестатсия гузаронидани кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, томактабӣ ва таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Принсипҳои асосии аттестатсия. Тартиби омодагӣ ва гузаронидани аттестатсия. Меъёри баҳодиҳӣ: барои иҷрои кор дар сатҳи баланди касбӣ, дар сатҳи хуби касбӣ, дар сатҳи пасти миёнаи касбӣ, дар сатҳи пасти касбӣ. Меъёрҳои ба дараҷаи тахассусии 1, 2, олӣ пешниход намудани аттестатсияшаванда: барои дараҷаи тахассусии олӣ, дараҷаи тахассусии 1, дараҷаи тахассусии 2.

Чорабиниҳои муассисаи таълимӣ барои ташкил ва гузаронидани аттестатсия. Таҳияи ҷадвали гузаронидани аттестатсия. Тартиб додани рӯйхати аттестатсияшавандагон. Тайёр кардани ҳуҷҷатҳои аттестатсияшавандагон. Таҳияи саволҳо барои аттестатсияшавандагон. Варақаи баҳодиҳӣ ба фаъолияти омӯзгор. Пурсишнома. Тавсифнома. Протоколи маҷлиси комиссияи аттестатсионӣ. Шаҳодатнома. Варақаи аттестатсионӣ. Фармоиши директори муассиса.

**Мавзуи 1.15 (4 соат) Нақшаи стратегии МТМУ. Зарурати нақшаи стратегӣ. Роҳҳои таҳиясозии нақшаи стратегӣ**

Маълумоти мухтасар оид ба Стратегияи миллии рушди маорифи ҶТ, самтҳо, мақсад ва вазифаҳои асосии он. Афзалиятҳои рушди соҳаи маориф. Натиҷаҳои интизории татбиқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030. Зарурати нақшаи стратегӣ, муқаррар намудани аққалиятҳо барои баланд бардоштани сифати таҳсилот. Қадамҳо доир ба тартиб додани нақшаи стратегӣ: ҷамъоварии иттилоот, таҳлил ва муқоисаи он бо миссияи муассисаи худ. Ҷобаҷогузории эҳтиёҷот аз рӯи афзалият ва муайян кардани роҳҳои ҳалли онҳо. Банақшагирии стратегӣ, раванди тавсифи ҳадафҳо. Намунаи таҳияи ҷадвали мақсадҳои рушди муассиса. Кори амалӣ: Таҳияи нақшаи стратегии муассиса.

**Мавзуи 1.16 (2 соат). Мақомоти худидории** муассиса**. Шурои омӯзгорӣ, шурои методӣ ва дигар ҷаласаҳо**

Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» ва муқаррароти марбут ба худидории муассиса. Моддаҳои 38-41-и қонуни мазкур (вазифаҳои муассисаҳои таълимӣ, идоракунии муассисаҳои таълимии давлатӣ, идоракунии муассисаҳои таълимии ғайридавлатӣ, Худидоракунии муассисаҳои таълимӣ). Худидоракунии муассисаҳои таълимӣ (шурои муассисаи таълимӣ, шуроҳои омӯзгорон ва олимон, шуроҳои истеҳсолию педагогӣ, илмию методӣ, шуроҳои ҷамъиятӣ, директорон, ректорон, донишҷӯён, аспирантон, сарпарастон, нозирон, ташкилотҳои хонандагон, сохторҳои кумитаҳои кор бо ҷавонон ва занон, кумитаҳои падару модарон, ассотсиатсияҳои падару модарон, омӯзгорон ва ғайра). Самарабахшии ҷаласаҳои корӣ аз ҷиҳати илмӣ, педагогӣ ва психологӣ. Дуруст ташкил кардан, омода намудани масъалаҳо, аз тарафи кӣ ва чӣ тавр гузаронидани онҳо. Ҷаласаҳои корӣ. Ҷаласаи корӣ – қабули қарори ягона барои самарабахшии фаъолияти таълимгоҳ. Нишонаҳои муҳими ҷаласаҳои корӣ.

Идораи давлатию ҷамъиятии таълимгоҳҳо. Ассотсиатсияи волидону омӯзгорон шакли нави худидораи муассиса. Соҳибихтиёрии таълимгоҳҳо ҳамчун принсипи асосии соҳаи маориф. Ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф. Инкишофи шаклҳои давлатию ҷамъиятии идоракунии маориф. Фарқияти асосии давраи нави ислоҳоти соҳаи маориф аз замони пештара. Фишангҳои мақомоти худидоракунӣ. Мазмуни асосии демократикунонии соҳаи маориф. Ҳамкорӣ дар амал ва ташкил кардани низоми идоракунӣ.

**Мавзуи 1.17 (4 соат). Хадамоти методии муассиса ва мақоми он. Иттиҳодияҳои методии фаннӣ омили муҳими такмили тахассус ва рушди маҳорати касбии омӯзгорон**

Хадамоти методии муассиса. Сохтори хадамоти методии муассиса. Кабинети методии муассиса. Шурои методии муассиса. Иттиҳодияҳои методии омӯзгорони фанҳо. Вазифаи хадамоти методии муассиса. Объектҳои хадамоти методии муассиса. Вазифаҳои хадамоти методӣ. Фаъолияти кабинети методии муассиса. Нақшаи солонаи кабинети методии муассиса. Шурои методӣ (педагогӣ). Фаъолияти шурои методӣ.

Нақшаи кори иттиҳодияҳои дохилимуассисавӣ. Маҳфилҳои фаннӣ. Дарсҳои иловагӣ. Корҳои инфиродӣ. Омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгорон. Ташкили табодули таҷриба ва худомӯзии омӯзгорон. Ёрии методӣ ба омӯзгорони ҷавону навкор оид ба омӯзиши усулу равишҳо ва технологияи нави тадрис. Баррасии хуҷҷатҳои меъёрии соҳа бо омӯзгорон. Иҷрои барномаҳои таълимӣ. Ташкил ва гузаронидани ҳафтаҳои фаннӣ, даври аввали олимпиадаҳои фаннӣ, озмунҳои касбӣ. Ташкил ва гузаронидани хонишҳои педагогӣ. Такмили маҳорати касбии омӯзгорон. Асноди меъёрию ҳуқуқии соҳа. Омӯзиши барномаҳои таълимӣ. Таҳлили дониш ва маҳорати хонандагон. Ташкили корҳои беруназдарсӣ. Тавсияҳои методӣ.

**Мавзуи 1.18 (2 соат). Назорати дохили**муассисав**ӣ ва нақши он дар пешбурди муваффақонаи таълиму тарбия**

Мафҳуми назорат. Мавқеи назорати дохилимуассисавӣ дар низоми идора ва ислоҳоти муассиса. Назорати дохилимуассисавӣ – омӯзиш ва таҳлили ҷараёни таълиму тарбия дар муассиса. Ҷиҳати муҳими назорати дохилимуассисавӣ. Қисмҳои назорати дохилимуассисавӣ. Иҷрои таълими асосии ҳатмӣ. Ҳолати таълими фанҳои таълимӣ ва сифати дониш, малака ва маҳорати хонандагон. Фаъолияти иттиҳодияҳои дохилимуассисавӣ ва умуман корҳои методӣ. Ташкил ва гузаронидани маҳфилҳои таълимӣ, машғулиятҳои факултативӣ. Иҷрои барномаҳои таълимии давлатӣ. Ҳуҷҷатнигории муассиса, иҷрои қарорҳо, фармонҳо ва супоришҳои мақомоти маориф. Корҳои берунazсинфӣ. Методҳои назорат. Муайян намудани мақсади назорат. Омодашавӣ ба назорат. Амалӣ кардани назорат. Ҷамъбаст намудани маводҳои тафтиш.

**Мавзуи 1.19 (4 соат). Мундариҷа, мақсад ва муқаррароти стандарт, нақша ва барномаҳои таълимии МТМУ**

Тартиби таҳия, тасдиқ ва ҷорӣ кардани стандартҳои давлатии таҳсилот. Омӯзиши барнома ва нақшаҳои таълимӣ. Мувофиқати онҳо бо стандартҳои давлатии таҳсилот.

Стандарти давлатии таҳсилот - санади муҳими давлатӣ. Нишондодҳои стандарти давлатии таҳсилот. Ҳадди аққали ҳатмии мазмуни барномаҳои марбутаи таълимӣ ва шарту шароити иҷрои онҳо.

Ҳадди ақал ва ниҳоии ҳаҷми соатҳои таълимии хонандагон. Талаботи асосӣ ба дараҷаи тайёрии хонандагон. Муҳлати омӯзиши барномаҳои таълимӣ. Ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи меъёри марбутаи таҳсилот. Иҷрои стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ. Нақшаи таълимӣ, тасдиқи нақшаи таълимӣ.

Барномаи таълимӣ – ҳамчун дурнамои рушди маориф барои солхои 2018-2022. Барномаҳои таълимӣ мазмуни меъёри марбутаи таҳсилот. Таҳсилоти томактабӣ. Таҳсилоти ибтидоӣ, умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ. Таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбӣ. Таҳсилоти олии касбӣ. Таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии

касбӣ. Таҳсилоти иловагӣ. Таҳсилоти махсус. Таҳсилоти фосилавӣ. Таҳсилоти фарогир.

**Мавзуи 1.11. (4 соат). Муқовимат бо коррупсия ва амалҳои коррупсионӣ**

Коррупсия чист? Намудҳои амалҳои коррупсионӣ. Сабаб ва омилҳои мавҷудияти коррупсия. Ташаккули мафкураи зидди коррупсионӣ. Мубориза алайҳи коррупсия вазифаи ҳамагон аст

**Мавзуи 1.21 (4 соат). Таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ. Роҳҳои дарёфт, омӯзиш, тарғиб, ҷамъбаст ва паҳн намудани он**

Шиносоӣ бо дастурҳои методӣ. Таърифҳои гуногуни мафҳуми таҷрибаи пешқадами педагогӣ. Таҳлилу омӯзишу баррасии таҷрибаи пешқадам аз тарафи роҳбарон. Баррасии таҷрибаи муаллимони навҷӯю навовар. Мақсади асосии омӯзишу ҷамъбаст ва паҳн намудани таҷрибаи пешкадами педагогӣ. Талаботҳои таҷрибаи пешкадами педагогӣ. Таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ - малакаи эҷодии ҳазорон омӯзгорону роҳбарони навовар. Таҷрибаи педагогӣ маҷмӯи малака ва усулҳои таълиму тарбияи озмудашуда.

Нишондидандаҳои таҷрибаи пешқадами педагогӣ: натиҷаҳои баланди дониш, малака ва маҳорати хонандагон, сарфаи вақт ҳангоми расидан ба натиҷаҳо (натиҷаи баланде, ки тавассути дарсҳои иловагӣ ба даст омадаанд, ҳисоб намешавад), хусусияти навоварӣ доштан, рӯзмарра будан (кадом душвориҳои маъмули раванди таълим ҳалли ҳудро ёфтааст?), маҳсулнокӣ (имконияти истифодаи таҷриба аз ҷониби омӯзгорони дигар), мувофиқати он ба дастовардҳои илми педагогика ва методика. Самтҳои омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ: Таҷрибаи умумикасбии омӯзгор (донистани асноди меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф, иштироки омӯзгор ва хонандагони ӯ дар озмунҳо, мақолаҳои илмӣ-методӣ, малакаҳои муоширатӣ, салоҳиятнокӣ, ҳуҷҷатнигорӣ; Таҷрибаи касбӣ-хусусии омӯзгор (маҳорати банақшагирии дарс бо меъёрҳои мақсадгузорӣ, интихоби усул ва шеваҳои мувофиқ ба

мақсад, ташкил карда тавонистани фазои ҳамкорӣ дар дарс, истифодаи маводҳои дидактикӣ, истифодаи аёниятҳое, ки худ ё бо ҳамроҳии шогирдон сохтааст, ҷалб карда тавонистани диққати хонандагон, истифода кардани воситаҳои гуногуни арзёбии дониш, малака ва маҳорати ҳонандагон, татбиқ карда тавонистани навовариҳои илми педагогика ва равоншиносӣ, усули мухталифи бартарафнамоии монеаҳо, камбудӣ, мушкилот ва ихтилофот.

Давраҳои асосии омӯзиши таҷрибаи пешқадам. Омӯзиши таҷрибаи пешқадам. Муайян намудани объекти омӯзиш (Киро бояд омӯзем?). Гузориши мақсади омӯзиш (Чаро мо маҳз ҳамин самти фаъолияти омӯзгорро бояд омӯзем?). Гирдоварии маълумот дар бораи таҷрибаи омӯхташаванда. Таҳлили педагогии маълумоти гирдовардашуда оид ба фаъолияти омӯзгоре, ки таҷрибаи ӯ омӯхта мешавад. Ҷамъбасти таҷриба. Воситаҳои дастраси умум гардонидани таҷрибаи пешқадам.

**Мавзуи 1.22. (4 соат). Роҳҳои пешгирии ҷиноятқорӣ, қонуншиканӣ, хурофотпарастӣ, терроризм ва экстремизм**

Шарҳу тавзеҳи вожаҳо. Омилҳои даст ба қонуншиканӣ ва ҷиноятқорӣ задани шаҳрвандон. Таассуби динӣ ва хурофотпарастӣ. Моҳияти иртиҷоӣ ва ифротгароии созмонҳо ва равияҳои тундраи исломӣ. Терроризм ва экстремизм-вабои аср. Роҳу усулҳои ҷалби шаҳрвандон ба ин гурӯҳҳо. Роҳҳои муқовимат ба ин падидаҳои номатлуб.

**1.23 (4 соат). Роҳу усулҳои истифодаи технологияи иттилоотиву инноватсионӣ дар раванди дарсҳо. Тарзи омодасозии «Муаррифӣ (презентатсия)». Кор бо видиопроектор ва тахтаи электронӣ**

Маълумоти мухтасар дар бораи технологияи иттилоотӣ ва технологияҳои инноватсионӣ. Навъҳо ва шаклҳои мухталифи технологияҳои иттилоотӣ ва инноватсионӣ. Роҳу усулҳои истифодаи онҳо дар раванди дарсҳо.

Технологияи инноватсионӣ - ҷорӣ кардани навигариҳо чӣ дар мақсаду мазмуни маълумот ва чӣ дар шаклу методҳои таълим ва тарбияи насли наврас, дар ташкили

фаъолияти якҷояи омӯзгор ва хонанда. Навгониҳо, ҳавасмандӣ ва монеагӣ; идораи муассиса аз рӯйи натиҷаҳо; таҷрибаи педагогии менеҷментҳо; рушди муассиса ҳамчун ҷараёни инноватсионӣ; асосҳои рушди муассисаҳои таълимӣ; ҷараёни инноватсионӣ дар маълумот; қисматҳои назариявии ҷараёни инноватсионӣ; мафҳум дар бораи инноватсия дар маълумот ва квалификатсияи онҳо; тавсифи инноватсия дар системаи таҳсилот (қишлоқ, ноҳия, шаҳр, ҷумҳурӣ); махсусияти идораи ҷараёни инноватсионӣ; мафҳуми «ислоҳот» ва инноватсия; тағйирёбиҳои инноватсионӣ дар саломатии хонандагон; муассисаи таълимии инноватсионӣ ҳамчун институти озоди иҷтимоӣ-тарбиявӣ; шаклу усулҳои анъанавии идораи муассисаҳои инноватсионӣ; махсусияти мазмуни тарбияи иҷтимоӣ дар шароити муассисаи муосири инноватсионӣ; фаъолияти технологии иҷтимоӣ-тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимии инноватсионӣ; инноватсия дар маълумот: моҳият, механизмҳо ва ғ.

Фарқияти байни тағйирот ва рушд. Мафҳуми «Инкишоф» ва «Худинкишофдиҳӣ», тафовут ва шабоҳат. Рушди мактаб: гузариши мактаб аз ҳолати миқдории пештара ба ҳолати сифатан нав. Захираҳои рушди мактаб: молиявӣ, моддӣ-техникӣ, кадрӣ, таркибӣ-ташкилӣ, иттилоотӣ. Тарзи омодасозии «Муаррифӣ (презентатсия)». Кор бо видиопроектор ва тахтаи электронӣ.

### 1.24. (4. соат). Арзёбӣ дар системаи таҳсилот ва намудҳои он

Арзёбӣ – раванди муайян кардани натиҷа ва дастовардҳои хонанда ва ё ба мақсади санҷидани мувофиқат вобаста ба талаботи меъёрҳои сифатии стандарт;

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳияи Консепсияи миллии арзёбии сифати таҳсилот гурӯҳи корӣ таъсис дода аст. Консепсия мазкур ҳадафи Стратегияи миллии рушди маорифи (СМРМ)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон то солҳои 2030-ро амалӣ намуда, имкониятҳои

баробарии таълимро барои хонандагон дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот фароҳам меоварад ва ба рушди қобилиятҳои инфиродӣ, аз ҷумла ташаккули тафаккури мантиқию таҳлилӣ (интиқодӣ) мусоидат мекунад. Консепсия зарурати бознигарии амалияи арзёбиро дар тамоми зинаҳои таҳсилот дар асоси таҷрибаҳои мавҷуда ва таҷрибаи беҳтарини байналмилалӣ эътироф мекунад. Тибқи Консепсияи мазкур, арзёбӣ дар сатҳҳои гуногун амалӣ карда мешавад:

1) **Арзёбии синфӣ;**
2) **Арзёбии мактабӣ;**
3) **Арзёбии миллӣ;**
4) **Арзёбии байналмилалӣ.**

**Мавзуи 1.25. (6 соат). Банақшагирии даромади мактаб. Самтҳои асосии такмили низоми маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Фонди ғайрибуҷавии мактаб ва роҳҳои ғанигардонии он**

Буҷети мактаб. Сарчашмаҳои маблағгузории мактаб. Сарчашмаҳои иловагии маблағгузории мактаб. Фандрайзинг. Шаффофият ва истифодаи маблағҳо. Маблағгузории сарикасӣ. Меъёри сарикасӣ. Мақсадҳои гузариш ба системаи маблағгузории меъёрӣ (нормативӣ). Тадбиқи механизми маблағгузории сарикасӣ. Зинаҳои гузариши муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба маблағгузории сарикасӣ. Алоқамандии ислоҳоти буҷетӣ ва маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Гузаштан ба нақшагирии миёнамуҳлат. Мақсади гузариш. Нишондодҳо. Раванди тайёрӣ. Тадбиқи маблағгузории сарикасӣ.

Ҳисоби буҷети мактаб дар асоси меъёрҳои ҳадди ақал бо истифодаи коэффитсентҳои махсус. Ҳисоби буҷети муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Формулаи асосии ҳисоби буҷети мактаб. Коэффитсиентҳои махсус. Ҳисоби буҷети мактаб бо истифода аз коэффитсенти ноҳиявӣ. Ҳисоби буҷети мактаб бо истифода аз коэффитсент аз рӯйи типи мактаб. Ҳисоби буҷети литсейҳо. Ҳисоби буҷети мактаб бо

истифода аз коэффитсенти махсус барои мактабҳои бисёрзабона. Ҳисоби буҷети мактабҳо бо филиалҳо.

## 2. Мавзуъҳои иловагӣ

**Мавзуи 2.1 (4 соат) Таърихи баҳо ва баҳогузорӣ;**

Системаи баҳодиҳии анъанавӣ чӣ гуна аст? Чӣ тавр меъёри баҳодиҳӣ ва дараҷаи баҳои хонандагонро таҳия кардан мумкин аст? Чӣ тавр дар хонандагон малакаҳои худбаҳодиҳӣ ва ҳамбаҳодиҳиро ташаккул додан мумкин аст? Маълумоти таърихӣ, моҳияти баҳодиҳии анъанавӣ, бартарӣ ва камбудиҳои баҳодиҳии шифоҳӣ, хаттӣ ва санҷиши тестии дониш.

**Мавзуи 2.2. (6 соат) Баҳогузории фармативӣ ва сумативӣ;**

Моҳияти баҳодиҳии формативӣ, шароит барои баҳодиҳии формативӣ, мақсадҳои таълимиро донистан ва фаҳмидани хонандагон, робитаи мутақобили самаранок бо хонандагон, иштироки фаъоли хонандагон дар ҷараёни маърифатии шахсӣ, меъёрҳои баҳогузориро донистан ва фаҳмидани хонандагон, имконият ва маҳорати хонандагон дар таҳлили кори худ (рефлексия), тасҳеҳи раҳёфт ба тарзи таълим бо назардошти натиҷаҳои баҳогузорӣ

**Мавзуи 2.3 (2 соат) Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ**

Омӯзиши пайвастаи амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф салоҳияти шаҳрвандиву вазифаи касбии ҳар як омӯзгор аст. Вобаста ба имкон директори муассиса ва муовинони ӯ омӯзгоронро бо ин ҳуҷҷатҳо таъмин намуда, бо онҳо суҳбат мегузаронад.

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»
- Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд»

Роҳбарони иттиҳодияи методӣ дар ҳамкорӣ бо омӯзгорон роҳҳои татбиқи

- Стандартҳои таҳсилот
- Нақшаи таълимӣ
- Барномаи таълимӣ
- Фармоиш ва мактубҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро доир ба таълими фан ҳаллу фасл мекунанд.

**Мавзуи 2.4 (4 соат) Ташкили корҳои беруназсинфии фаннӣ**

**Корҳои беруназсинфӣ** - ин ташкили фаъолиятҳои таълимии гуногуни хонандагон берун аз дарс аст, ки омӯзгор пешакӣ ба нақша гирифта амалӣ месозад.

**Корҳои беруназсинфӣ** барои инкишофи қобилиятҳои фардии хонандагон, ки на ҳамеша дар вақти дарс имконпазир мегардад, ташкил карда мешавад. Корҳои беруназсинфии фанниро аз дигар чорабиниҳои тарбиявӣ аз қабили таҷлили санаҳои таърихӣ, гузаронидани соатҳои тарбиявӣ бояд фарқ кард. Иҷрои онҳо ба зиммаи иттиҳодияи методии роҳбарони синф аст, на ба зиммаи иттиҳодияи методии омӯзгорони фаннӣ.

**Мавзуи 2.5 (4 соат) Тартиби ташкил ва гузарондани семинару машваратҳо**

Яке аз самтҳои фаъолияти иттиҳодияи методӣ дар муассиса ташкил ва гузарондани семинар ва машваратҳо мебошад. Семинару машваратҳоро чӣ гуна метавон ташкил кард? Семинар, машваратҳоро шартан ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1. Семинар ё машваратҳо бо мақсади инкишофи малакаю маҳоратҳои методикаи умумии таълим;
2. Семинар ё машваратҳо бо мақсади инкишофи малакаю маҳоратҳои методикаи хусусии таълими фан.

Шумо метавонед мавзуъҳои алоҳидаро пешакӣ ба нақша гирифта, онро гузаронед. Аммо ин кафолат намедиҳад, ки мавзуи интихобкардаи шумо эҳтиёҷи ҳама аъзоёни иттиҳодияи методиро қонеъ мегардонад. Аз ин рӯ, бисёр хуб мебуд, агар мавзуъҳои семинар ё машварат дар

асоси таҳлили дарсҳо ва пешниҳоду дархости худи омӯзгорон ташкил карда шавад.

**2.6 (4 соат). Роҳбаладӣ. Шаклҳои муосири сарварӣ ба фаъолияти омӯзгорон ва раванди таълим. Тарзу тариқи (моделҳо ва механизмҳои) роҳбарӣ ба низоми таҳсилот**

Роҳбалад - шахсеро ба кор ҳидоят кардан, барои ба мақсад расидан ёрӣ расондан. Роҳбаладӣ (менторинг) – этимология ва анъанаҳои он. Шакли анъанавии роҳбаладӣ. Шаклҳои маъмули роҳбаладӣ. Вобастагии шаклҳои роҳбаладӣ ба давраи рушди муассиса. Сатҳи шиносоии омӯзгорон бо методҳои фаъоли таълим ва фаъолияти роҳбалад.

Роҳбаладӣ – интиқоли донишу таҷриба. Шакли таҷрибаивазкунии «Роҳбаладӣ дар ҷои кор». Ҳамкорӣ бо шуъбаҳои маориф, роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ ва омӯзгорон. Ҳавасмандии омӯзгорон.

Фарқиятҳои байни менеҷер ва сарвар. Усулҳои роҳбарӣ ва навъҳои рафтори кормандон. Тарзҳои асосии сарварӣ. Муайян намудани дараҷаи тайёрии коргарон. Фаъолияти таълимгоҳҳо. Роҳҳои самарабахши банақшагирӣ. Усулҳои таҳлили вазъи кунунии муассиса. Таъсири омилҳои беруна ба муассиса. Истифодаи самараноки захираҳои инсонӣ, иттилоотӣ, моддӣ ва молиявӣ.

**Мавзуи 2.7 (6 соат ). Маълумот дар бораи низоми пардохти сарикасӣ. Таҳияи сметаи ягонаи даромад ва хароҷот дар муассиса. Меъёрҳои пардохти музди меҳнати омӯзгорон ва дигар кормандони муассиса**

Моҳият ва мундариҷаи сметаи ягонаи даромад ва хароҷот. Алоқа бо таснифоти буҷетӣ. Принсипҳои мураттаб сохтани сметаи ягонаи даромаду хароҷот. Аҳамияти смета. Тартиби сохтан ва тасдиқ кардани смета. Банақшагирии нишондиҳандаҳои асосии истеҳсолии фаъолияти муассиса. Пардохти музди меҳнат ва маблағи ҷудошудаи корфармо. Асосҳои муайян кардани музди меҳнат дар муассисаҳои

таҳсилоти умумӣ. Тартиб додани рӯйхати воҳидҳои ҳайати педагогӣ. Фонди солонаи пардохти музди меҳнат. Тартиб додани тарификатсияи педагогӣ. Пардохти музди иловагӣ. Пардохти музди меҳнати омӯзгорон. Пардохти музди меҳнати ҳамкорон. Пардохти музди меҳнати соатбай. Пардохти намунавии музди меҳнат ва дигар пардохту хароҷотҳо. Базаи меъёрӣ барои пардохти музди меҳнати омӯзгорон. Намунаҳои пардохти музди меҳнат.

Муқаррароти Қонуни нави маориф оид ба фаъолияти иқтисодию молиявии МТМУ. Беҳбудии масъалаҳои мустақилияти молиявии МТМУ ва таъсири онҳо ба вазъи молиявии омӯзгорон.

**Адабиёти истифодашуда:**


1. Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» –Душанбе: 2013.
2. Консепсия миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон –Душанбе: 2006.
3. Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: 2003.
4. Консепсияи мактаби миллӣ. –Душанбе: 2000.
5. Лутфуллоев М. Эҳёи педагогикаи тоҷик. -Душанбе: 1997.
6. Қодиров С, Давлатов М. Психология. Душанбе, 1997.
7. Плахова Л.М. Как сделат хорошую школу. Москва, 2002.
8. Искандаров Ҳ. Коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ. Душанбе, 2005.
9. Шарифзода Ф. Масоили мубрами таҳқиқоти педагогикаи муосир. Душанбе: Ирфон, 2016.
10. Искандаров Ҳ. Раҳоварди раҳнавард. Душанбе: Ёл, 2010.
11. Маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва умумӣ. Душанбе: Раҳнамо, 2014.
12. Закон Республики Таджикистан «О государственных финансах Республики Таджикистан» 2 декабря 2002 года.
13. Закон «О финансовом контроле в Республике Таджикистан».
14. Закон Республики Таджикистан «О государственных закупках товаров, работ и услуг» от 3 марта 2006 года № 168.
15. Закон Республики Таджикистан «О бухгалтерском учете» от 14 мая 1999 года, № 750
16. Постановление Правительства РТ «О Типовом положении общеобразовательного учреждения Республики Таджикистан».
17. Постановление Правительства РТ «Об оплате расходов служебных командировок» от 28 февраля 2003 года № 73.
18. Приказ № 84 Министерства финансов РТ 2 октября 2006 года.